## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ**

1. Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» мубрам маҳсуб ёфта, бо дарназардошти ҳамасола бо офатҳои ҷиддии табиӣ ва ҳаводиси техногенӣ, аз қабили заминларза, обхезӣ, ярч, тармафаромӣ, сангрезӣ, сӯхтор, садама ва ғайра рӯ ба рӯ шудани аҳолӣ, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода хеле муҳим арзёбӣ гардида, мавзуи мазкур дорои аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқи мазкур, пеш аз ҳама, дар нукта, хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур аввалин таҳқиқоти монографӣ мебошад, ки масоили назариявӣ ва амалии ташкили фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ фарогир мебошад.

Навгонии илмие, ки муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод кардааст, на танҳо барои таҳқиқоти илмӣ, балки барои таҳкими амалияи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва истифодаи натиҷаҳои он дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти қонунгузории кишвар аҳаммияти муҳим дорад.

Зикр намудан бомаврид аст, ки яке аз роҳҳои муҳим ва бомуваффақияти таъмини омодагии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ташкил намудани низоми идоракунии самаранок, таъминоти моддӣ-техникӣ, гурӯҳбандии қувва ва воситаҳои МКД барои иҷро намудани вазифаҳои дарпешгузошташуда, дар муҳлати муайяни вақт дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ арзёбӣ мегардад.

Дар асоси маводи илмӣ-назариявӣ, омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалии ҷузъу томи МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ вобаста ба зарурати объективии муайян намудани мавқеъ ва нақши гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалии МКД дар Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода махсус таъкид гардидааст. Инчунин, дар асоси андешаҳои муқтадири илмӣ тартиби ташаккул ва истифодабарии ҷузъу томи МКД дар минтақаи ҳолати фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ инъикос ёфта, ба таъмини ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва зерсохторҳои он, ташкил, омодагӣ, гурӯҳбандӣ ва истифодабарии гурӯҳҳои

муттаҳидкардашудаи функсионалӣ ва қуваю воситаҳои МКД дар чунин ҳолатҳо диққати махсус матраҳ гардидааст.

Дар рисолаи мазкур ба самтҳои асосии таъмини омодагии мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилот ва муассисаҳо дар зери чатри Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ диққати ҷиддӣ матраҳ гардида, коркарди нақшаҳои оперативӣ, омодагии касбии ҳайати шахсӣ барои фаъолияти муташаккилона дар гурӯҳҳои функсионалӣ, таъмини омодагии ҷисмонӣ, касбӣ ва психологӣ, таъминоти ҳамаҷонибаи моддӣ-техникӣ, ташкили низоми идоракунии гурӯҳҳои мутамарказонидашудаи функсионалӣ, мақомоти идоракунии оперативии онҳо, воситаҳои алоқа ва таъминоти иттилоотии онҳо, ташкили фаъолияти дастаҷамъонаи муштараки дохилӣ ва берунии гурӯҳҳои функсионалӣ самтҳои афзалиятноки фаъолияти милитсия арзёбӣ гардидаанд.

Мавқеи муҳимми таҳқиқотӣ ва пешниҳоди асосноки илмӣ оид ба шакл ва усулҳои ташкили ҳамкории мақомоти давлатӣ дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, хеле муҳим ва саривақтӣ эътироф мегардад. Асоснок карда шудааст, ки кафили баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт, ба таври мунтазам гузаронидани машқҳои ситодӣ-фармондиҳӣ ва тактикӣ-тахассусӣ дар вазорат ва идораҳои дахлдор, муассисаҳои таълимии онҳо, аз ҷумла, ҷойҳои эҳтимолии ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ маҳсуб меёбад.

Бинобар ба инобат гирифтани нуктаҳои зикршуда, баррасии илмӣ-амалии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки ба таҳлили илмӣ-амалии асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода бахшида шудааст, мубрам, асоснок ва саривақтӣ мебошад.

Маводи илман асоснок ҳамчун сарчашма дар фаъолияти таълимӣ вобаста ба фанҳои таълимии «Идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар шароитҳои махсус», «Асосҳои идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ», «Фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилӣ», «Низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» ва курсҳои махсус, ки дар кафедраҳои дахлдори факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тадрис дода мешаванд, метавонанд истифода шаванд.

**2.** Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз ҷониби муҳаққиқ мустақилона таълиф гардида, дорои мазмуни ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария ва амалияи мақомоти корҳои дохилӣ, бахусус, таълифи маводи илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимии курси махсус вобаста ба идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро собит месозанд. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи мазкур ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо

тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**3.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба шиносномаи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ, мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми октябри соли 2024, №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо ба ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**4.** Натиҷаи асосии таҳқиқот дар 10 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адад мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

**5.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии Нуруллозода Меҳрулло истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути қоидаи иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ нишон медиҳад.

**6.** Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар корҳои аз ҷониби ӯ анҷомдодашуда, мавҷуд намебошанд.

Банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи ВКД ҶТ бо тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Диноршоҳ Азиз Мусо** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва ҳамкориҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

– **Маҳмудов Изатулло Тешаевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории

факултети ҳуқуқшиносии ДМТ;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
узви Шурои диссертатсионӣ — Раҷабзода Р.М.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ — Буризода Э.Б.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва
фаъолияти маъмурии факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон — Нуриддинзода С.Н.

Имзои “Раҷабзода Р.М. ва Нуриддинзода С.Н.”-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КҲШ Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия — Саидзода А.Р.

«01» 07 2026 с.

Имзои «Буризода Э.Б.»-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои
Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Давлатмуродзода Б.Д.

«01» 07 2026 с.